**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: 29+1 точик = 8 и (форс)** **АСОМИДИНЗОДА Ш.** [1]

# ВОҚИФИ ЛОҲУРӢ ДАР ТАЗКИРАИ «НИШТАРИ ИШҚ»

Муаллиф дар асоси намунаи ғазалҳои дар тазкираи «Ништари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ овардашуда ва девони ғазалиёти шоири асри XVIII Воқифи Лоҳурӣ то андозае рӯзгор ва осори ӯро муайян намуда, дар ин масъала бо далелҳои муътамад иштибоҳи содиркардаи дигар муҳаққиқонро, ки ғазалҳои ӯро моли Воқифи Хуҷандӣ донистаанд, ошкор намудааст. Ин бошад барои корҳои минбаъдаи воқифшиносӣ аз аҳамият холӣ нест. Девони Воқифи Лоҳурӣ на танҳо дар Шибҳиқора, балки дар миёни аҳли илму адаби Мовароуннаҳру Хуросон низ маҳбубияти зиёд касб карда, аз ҷониби тазкиранигорон борҳо ишора ва ёдрас шудааст. Мақола барои нишон додани мероси адабии ин ду адиби ҳамном ва муайян намудани он ки интихобиҲусайнқулихони Азимободӣ ба кадоме аз онҳо мансуб аст, аҳамияти вижа дорад.

**Калидвожаҳо:** Воқифи Лоҳурӣ, Воқифи Хуҷандӣ, нусха, тазкира, «Ништари ишқ», ашъор, тахаллус, байт, ғазал, девон, муқоиса, рӯзгор, осор, сабк.

Роҷеъ ба аҳвол ва осори шоири асри XVIII Воқифи Лоҳурӣ (Патёлавӣ) аз тарафи адабиётшиносон дар Ҳиндустон, Эрон ва Тоҷикистон баъзе корҳо сурат гирифта бошад ҳам, то кунун тадқиқоти муфассале ба миён наомадааст. Дар Тоҷикистон низ ба истисnoи баъзе ишораву мақолаҳо рӯзгор ва осори ин шоир аз назари тадқиқотчиён дур мондааст. Дар мақолаҳои муҳаққиқонечун А. Ғаффоров, Сайидумар Султон, Дарвеши Баҳриддин ва Р. Худоёров доир ба Воқифи Лоҳурӣ ба ҷуз баъзеишораҳо маълумоти бештаре дида намешавад. Масалан, С. Султон дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» тарҷумаи ҳол ва осорибозмондаи Воқифи Хуҷандиро зикр намуда, байти зерини Воқифи Лоҳуриро ба ӯ нисбат додааст:

*Чӣ кунам гар наравам дар пайи риндӣ, Воқиф,*
*Муътақид нест дилам шайхию муллоиро [1, 337].*

Ин байт моли Воқифи Лоҳурӣ буда, он дар мақтаи яке аз ғазалҳои шоир ( аз нусхаи шахсии Р. Худоёров- Ш. А.), кибо матлаи зер оғоз мегардад, ба назар мерасад:

*Ёр аз ҳад гузаронида худороиро,*
*То саросема кунад чашми тамошоиро. . .*
*Чӣ кунам гар наравам дар пайи риндӣ, Воқиф,*
*Муътақид нест дилам шайхию муллоиро [2, 15].*

Адабиётшинос Абдуллоҷон Ғаффоров дар китоби хеш «Назми форсизабонони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX» оид ба доираи адабии Панҷоб (Лоҳур) сухан ронда, дар қатори чанд тан аз шоирони машҳури асрҳои XVII – XVIII номи Нурулъайн Воқифи Патёлавиро низ зикр намуда, илова мекунад, ки ин «адибон дурҳои беҳтарини назми форсиро суфта, пешравии назми форсизабонони Панҷобро таъмин кардаанд» [3, 17].

Соли 1991 нахустин маротиба дар маҷаллаи «Фарҳанг» 10 ғазали Воқифи Лоҳурӣ интишор гардида, дар бораи шоир ва шеъри ӯ чунин маълумоти мухтасар оварда шудааст:

«Шайх Нурулъайн Воқифи Лоҳурӣ шоири асри XVIII аст. Бо вуҷуди он ки ӯ зодаи Ҳиндустон буда, дар он ҷо умр ба сар бурдаву эҷод кардааст, сабки ашъораш ҳиндӣ нест. Шеъраш равон ва орӣ аз ҳар гуна печидагиҳои лафзиву маъонист.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Асомиддинзода Шарофиддин - соискатель КТГУ им. Носира Хусрава Республики Таджикистан.735236. Республика Таджикистан, Хатлонской облать, Пянджский район, кз. Сайфиддинов К. уч. 16- солагии Истиқлолият.тел.: 918-30-05-47

Воқиф ғазалҳояшро дар беҳтарин радифҳои маъмулии адабиётамон гуфтааст ва худ низ ин гуна радифҳоро иншо кардааст. Ҳамин аст, ки ҳар хонандаи ашъораш наметавонад аз ғазали ӯ бе диққати махсус ва сарсарӣ гузар кунад» [4, 22].

Дарвеши Баҳриддин дар китоби «Чароғи ҳидоят»-и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ» ба он ишора кардааст, ки «Алихони Орзу дар тӯли зиндагӣ шогирдони зиёди баркамолеро ба воя расонидааст. Бисёр адибони шаҳири Ҳинд, аз қабили шоирони Панҷоб: Воқиф, Мазҳар, Хушгӯ ва саромадони шеъри урду: Мир Саудӣ ва Мир Дард (1721–1785) дастпарвару машқдидаи коргоҳи эҷодии ин шоир ва донишманди забардаст будаанд» [5, 11]. Мутаассифона, муаллифони сарчашмаҳо аз соли таваллуди шоир лаб накушодаанд.

Сироҷиддин Алихони Орзу (1689 – 1756) бо вуҷуди ҳамаср ва устоди Воқиф буданаш, дар фарҳанги «Чароғи ҳидоят» аз ду шоири ҳамсабақи Воқиф – Мазҳар (2 байт) ва Хушгӯ (2 байт) намунаҳо оварда, аз ашъори Воқифи Лоҳурӣ чизеро иқтибос накардааст.

Иштибоҳи дар ашъори Воқиф содиркардаи С. Султон муҳаққиқони ояндаро низ ба роҳи нодуруст ҳидоят намудааст. Масалан, Р. Худоёров соли 1994 бо такя ба гуфтаҳои С. Султон дар рӯзномаи «Хатлон» [№25, 1994]*бо номи «*Девони Воқифи Хуҷандӣ ёфт шуд!»мақолае навишта, аз пайдо шудани девони шоир аҳли илму адаби вилояти Хатлонро хабардоркарда, чанд ғазали шоирро низ ба табъ мерасонад. Баъди чор сол ӯ ин мақоларо дуюмбора дар ҳафтаномаи «Чархи гардун» [№43, 1997] ба нашр мерасонад, то аҳли илми ҷумҳурӣ низ аз ин хабар огоҳ шаванд. Номбурда дар бораи Воқиф ҷустуҷӯро идома дода, соли 2003 бо далелҳои тозатар дар маҷаллаи «Сафинаи умед» (№11, 2003) бо унвони «Девони Воқифи Хуҷандӣ ё Лоҳурӣ?» мақолаи дигаре навишта, иштибоҳи содиркардаи С. Султонро ошкор намуда, девони бемуқоваи пайдокардаашро на аз Воқифи Хуҷандӣ, балки моли Воқифи Лоҳурӣ меҳисобад. Мавсуф баъди даҳ сол боз сари ин масъала баргашта мақолаи дигаре бо номи «Нигоҳе ба девони Воқифи Лоҳурӣ» [«Адабиёт ва санъат», №27, 2014] навишта, дар бораи баъзе паҳлуҳои эҷодиёти шоир маълумоти умумӣ медиҳад, ки он андешаҳо дар тадқиқоти минбаъдаи шоир аз аҳаммият холӣ нестанд.

Доктор Абдулманнони Насриддин низ зимни таҳияи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» ба гуфтаи Сайидумар Султон такя карда, дар бораи Воқифи Хуҷандӣ чунин маълумот додааст: «Воқифи Хуҷандӣ аз шуарои соҳибдевони нимаи аввали асри Х1Х аст. Бахше аз девони ашъори ӯ дар ганҷинаи дастхатҳои Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шумораи 1003 нигоҳдорӣ мешавад. Ҳамчунин теъдоде аз ашъораш дар сафина ва баёзҳои қаламӣ мундариҷ аст. Тибқи навиштаи Сайидумар Султон номи ӯ Нуриддин аст ва падараш Амонуллоҳ ном дорад. Аз ашъори Воқиф маълум мешавад, ки бештар пайрави сабки қудамо, ба вижа Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ будааст» [6, 164].

Масъалаи ба иштибоҳ роҳ додани С. Султон шояд аз он сабаб бошад, ки ҳарду шоир ҳам бо тахаллуси Воқиф шеър гуфтаанду дар як аср зиндагӣ кардаанд. Воқифи Хуҷандӣ, ки соли таваллуду вафоташ маълум нест, бо ному насаби Нуриддин ибни Амонуллоҳ омада ва Нурулъайн Воқифи Лоҳурӣ ҳам «халафуррашидиқозӣ Амонатуллоҳ бинни Мавлавии байтуллоҳи Ансорист аз рустои қасабачаи Патёла мин тавобеи Лоҳур бувад, ки ба фосилаи сӣ куруҳӣ (тахминан 50-60 км, Ш. А.) ҷониби шарқӣ воқеъ аст» [7, 1727]. Агар ин иштибоҳ қасдан сурат нагирифта бошад, пас тахмин кардан мумкин аст, ки тахаллус, ному насаби шоирон: Нурулъайн Воқиф «Халафуррашидиқозӣ Амонатуллоҳ бинни Мавлавӣ…» [7, 1727] ва «Нуриддин ибни Амонуллоҳ Воқиф…» [1, 337], ки ба ҳамдигар наздикӣ доранд, С. Султонро ба фиреби назар андохта, ду шоири Воқифтахаллуси ҳамасрро як шахс пиндошта бошад.

Дар «Тазкираи шуарои Хуҷанд» аз эҷодиёти Воқифи Хуҷандӣ шаш ғазал намуна оварда шудааст. Ҳангоми муқоисаи ғазалҳои Воқифи Хуҷандӣ бо девони шоири лоҳурӣ маълум гардид, ки сетои он ғазалҳо моли Воқифи Лоҳурӣ мебошанд, ки матлаъҳояшон дар девон чунин омадаанд:

Бо ёри ситамгор нишастан, кӣ тавонад?
Паҳлӯи дилозор нишастан, кӣ тавонад? [2, 123]

* * *

Ишқ корам табоҳ хоҳад кард,
Рӯзгорам сиёҳ хоҳад кард [2, 126-127].

* * *

Зи ман бурд он ду чашми сурмасо дил,
Ду мил уфтода, оҳ, аз ман ҷудо дил [2, 173-174].

Дар байни ғазалҳои тазкира ва ғазалҳои девони шоир баъзе фарқиятҳо ба назар мерасанд. Масалан, ғазали «*Бо ёри ситамгор нишастан, кӣ тавонад?*» дар ҳарду ҷо 7 байтӣ, ғазали «*Ишқ корам табоҳ хоҳад кард» дар девон 11 ва дар тазкира 10 байт ва ғазали «Зи ман бурд он ду чашми сурмасо дил» дар девон 13 ва дар тазкира аз 11 байт иборат мебошад. Дар ғазалҳои муқоисашуда баъзан байтҳои тамоман дигар ва ба ҷои баъзе калимаҳо вожаҳои дигар омадааст, ки ин аз дувумбора таҳрир шудану каму зиёднамудани мисраъ, байт, ибора ва калимаҳои он дарак медиҳанд. Дар поён дигаргуниҳои як ғазалро, ки дар аз ҳарду китоб аз 7 байтӣ иборатанд, бо таъкиди фарқиятҳояшоннамуна меорем:*

Аз девони Воқифи Лоҳурӣ:

Бо ёри ситамгор нишастан, кӣ тавонад?
Паҳлӯи дилозор нишастан, кӣ тавонад?
Ҷое, ки шавад лаъли ту аз ханда намакрез,
Бе синаи афгор нишастан, кӣ тавонад?. . .
Он ҷо, ки ба дил доғ ниҳад шуълаи хубат,
Бе сабри ҷигардор нишастан, кӣ тавонад?
Хӯйи ту кам аз оташи сӯзанда набошад,
Бе ёр ба ағёр нишастан, кӣ тавонад?
Бархост чу аз паҳлӯи ман ёр, дилам низ
Бархост, ки бе ёр нишастан, кӣ тавонад?
Аз силсилаи зулфи ту хоҳам, ки кашам даст,
Як умр гирифтор нишастан, кӣ тавонад?
Воқиф, чӣ кунӣ айби ман аз риндию мастӣ?
Монанди ту бекор нишастан, кӣ тавонад? [2, 123]

Аз «Тазкираи шуарои Хуҷанд» [Воқифи Хуҷандӣ]:

Бо ёри ситамгор нишастан, кӣ тавонад?
Паҳлӯи дили зор нишастан, кӣ тавонад?
Ҷое, ки шавад лаъли ту аз ханда шакаррез
Бе синаи афгор нишастан, кӣ тавонад?
Дар кӯи ту аз гармии хуршеди ҷамолат,
Дар сояи девор нишастан кӣ тавонад?
Шуд сурма сияҳмаст чу дар чашми ту афтод,
Дар майкада ҳушёр нишастан кӣ тавонад?
Бархост чу аз паҳлӯи ман ёр, дилам низ
Бархост, ки бе ёр нишастан, кӣ тавонад?
Бархост зи ҷо Тур ба як барқи таҷаллӣ,
Бо ҳайбати дидор нишастан кӣ тавонад?
Воқиф, чӣ кунӣ айби ман аз риндию мастӣ?
Монанди ту бекор нишастан, кӣ тавонад? [6, 164–165]

Ғазалҳои ба девони шоир мувофиқ наомадаро бо «Гузидае аз ғазалиёти Воқифи Лоҳурӣ» муқоиса кардем, вале дар он ҷо ин гуна ғазалҳои монандро пайдо накардем.

Муҳаққиқони эронӣ Доктор Сайид Маҳдии Нуриён ва Фотима Муҳташамниё дар мақолаи «Воқифи Лоҳурӣ ва мазомини ашъори ӯ» зикр намудаанд, ки «дар бораи Воқифи Лоҳурӣ ва ашъораш таҳқиқоти зиёде дар даст нест, ҷуз китобе бо унвони гузидае аз ғазалиёти Воқифи Лоҳурӣ бо номи «Шоири гиряҳои тарабнок» ба кӯшиши Сайид Абдурризо Мӯсавӣ, ки дар соли 1378 тавассути интишороти «Амири Кабир» ба чоп расида. Аз девони ӯ шаш нусхаи хаттӣ мавҷуд аст» [8, 1].

Мутаассифона, ин муаллифон соли вафоти шоирро бидуни нишон додани маъхаз 1195 ҳиҷрии қамарӣ (1780 м.) донистаанд, ки ба гуфтаи муаллифону муҳаққиқонидигар рост намеояд.

Доктор Сайид Абдуллоҳ дар китоби «Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон» аз устод ва донишманди фозили Панҷоб Мавлоно Нураҳмади Чиштӣ ёдрас шуда, як идда шоирони ҳинду форсизабони Ҳиндустонро зикр менамояд, ки шогирди ӯ будаанд. Ӯ дар қатори дигар шоирон аз Воқифи Патёлавӣ низ ёд меоварад. Ӯ нигоштааст, ки «қабл аз Мирзо Ғолиб, Мирзо Муҳаммадҳусайни Қатил ва Мирзо Ҳаркупол, Нурулайн Воқифи Батолавӣ дар миёни шуарои маъруф шумурда мешуд ва аксар шуарои ҳинду аз ӯ касби файз менамуданд» [9, 212].

Дар тазкираҳои асрҳои XVIII–XIXниз дар бораи Воқиф баъзе маълумот ба назар мерасад. Аз ҷумла, Ҳусайнқулихони Азимободӣ (тав. 1780) дар тазкираи «Ништари ишқ» (соли таълафаш 1818) доир ба рӯзгор ва осориду шоири Воқифтахаллус маълумот додааст, ки яке Воқифи Халҷонӣ Мулло Насир ва дигаре Воқиф Шайх Нурулъайни Патёлавӣ мебошад. Тазкиранигор замони зиндагонии шоирро зикр накарда, дар бораи Воқифи Халҷонӣ маълумоти мухтасар дода, аз эҷодиёти шоир фақат як байтро намуна меорад: «Воқифи Халҷонӣ Мулло Насир ном дар улум мутаорифасимо назаре камолқудрат дошт ва дар шоирӣ равиши Мулло Низомии Ганҷавӣ гузида ва дар мазҳаби сунан бисёр ғулӯ намуда ва аз он сабаб ба ватани худ аз аксар дӯстон ранҷ ёфта, охири аҳди Шоҳсулаймон марҳум ба ҷониби Рум рафт. Аз Халҷон хотири он Воқиф рамузи сухан аст. Байт:

Тороҷ дил зи арбадаҷӯён чу ом шуд,
Осоише, ки буд ба мардум, ҳаром шуд [7, 1726].

Хушбахтона, маълумоти ин тазкиранигор дар муайян кардани мақоми Воқифи Лоҳурӣ ва ашъори ӯ барои адабиётшиносон нақши бузург мебозад. Ӯ аз ҷумла овардааст: «Шайх Нурулъайни Патёлавӣ воқифи асрори сухандонист ва кошифи рамзу ширинзабонӣ, куҳлулҷавоҳири дидаи басират ва фаросат аст ва нурулъайни фасоҳат ва салосат. Афкори намакинаш аз намаки Лоҳур намакин ва ашъори рангинаш аз лаъли Бадахшон рангин, сурмаи чашми забондонист ва нурулъайни басиратмаъонӣ. Агар зикри холи моҳрӯён менамояд, майкашонро афюн дар шароб аст ва аксар сабзаи хатти гулъизорон рақам мефармояд, бангиёнро дар банги гулоб. Рутбаи шеъру шоириро ба Шеъро расонида ва пояи насрнависиро аз найирайн (киноя аз офтобу моҳ, Ш. А.) гузаронида, дар замони охир саромади фусаҳост ва равнақбахши каломи булаға. Дар шуарои замони худ он марҳум фасоҳат ва балоғатро ба мартабаи камол расонида ва равиши салису тарзи латиф баргузида ва ба сабаби ихтиёри буҳури мусаддас ва шукуфта, камолаш дили сомеъинро месӯзад, сӯзу дард ба дардмандон мебахшад [7, 1726 – 1727].

Маълум мегардад, ки Ҳусайнқулихони Азимободӣ девони шоирро мавриди мутолиа қарор дода, ба «баъзе зи каломи Воқифи Нурулъайн худ бо рагу ҷон ошиқ шуда», чунин иброз медорад:

Аз завқи нукоти тозааш дил хандон,
Сероб зи нутқи соибаш нутқу забон.

Баъзе зи каломи Воқифи Нурулъайн,
Шуд «Ништари ишқ» ошиқе худ рагу ҷон» [7, 1727].

Дар тазкираи «Ништари ишқ» роҷеъ ба санаи таваллуди Воқиф ишорае нашуда бошад ҳам, баъзе маълумоти дигари тарҷумаиҳолӣ оварда шудааст: «Халафурраашиди қозӣ Амонатуллоҳ бинни Мавлавии байтуллоҳи Ансорист аз рустои қасабачаи Патёла мин тавобеи Лоҳур бувад, ки ба фосилаи сӣ куруҳӣ (тахминан 50-60 км, Ш. А.) ҷониби шарқӣ воқеъ аст. Хидмати қазоии он макон низ ба хонадони он фасеҳулбаён тааллуқ дошт. Марди озодвазъи дарвешмизоҷ, соҳибулуму фазоил ва аз мусталеҳоти шеъри мутақаддимин ва мутааххирин камоянбағӣ (ончуноне, ки аз шеъри некӯ гуфтанҳои онҳо, Ш. А.) воқифу огоҳ буд. Бештари мамолики Даканро ба пой саёҳат паймуда, навбате бо Абдулҳаким Ҳоким, ки муваддату хилти вофир бо ӯ дошт, дар санаи як ҳазору яксаду

ҳафтоду чаҳор (1760 мелодӣ, Ш. А.) ба иродаи зиёрати Байтуллоҳ ҳамроҳ баромада, то ба нудри сурат расид ва Ҳоким аз он ҷо ба роҳи дарёи Шӯр равонаи манзили мақсуд гардид ва Воқиф аз адами тоқату заъфи мизоҷ ва касрати амроз таҳаммули ранҷи сафари дарё дар худ надида, то муовадати Ҳоким рахти иқомат ба бандари мазбур афганд ва баъди муовадати Ҳоким аз Ҳарамайни шарифайн понздаҳумиҷимодиюлаввали санаи як ҳазору яксаду ҳафтоду панҷ (1761мелодӣ, Ш. А.) ҳар ду бузургвор бо иттифоқ ба Аврангободи Дакан омаданд ва қурби ду сол дар он сарзамин гузаронида, ба таърихи дувуми шаҳри рабеъулохири санаи як ҳазору яксаду ҳафтоду шашум (1762 мелодӣ, Ш. А.) роҳи ватани худ паймуданд ва чун тариқи ғайри мутаориф ихтиёр карда буданд, сози барги худро бар дасти раҳзанон барбод доданд ва аз он ҷо бо ионати Мир Ғуломалии Озод (1704–1776, Ш. А.) баъди тайи манозил ва қатъи мароҳил ва суубати роҳ Воқиф ба ватани худ ҳулул намуд ва бисту шаш соли дигарзиндагонӣ карда, ҳам дар ин арса ба аксар ҷоҳо сайр сохтаву тамошой баромада, ба таърихи бисту ҳафтуми шаҳри сафари санаи як ҳазору дусаду ду (27 сафари соли 1788, Ш. А.) ба марази исҳол падруди ҷаҳони фонӣ намуд ва беруни Патёла ба қабристони обоии худ, ки ба «Кунайди қозӣ» иштиҳор дорад, мадфун гашт» [7, 1728].

Баъдан ӯ дар вафоти шоир чунин қитъае мегӯяд:

Шайх Нурулъайни Воқиф нуктасанҷ,
Тарки дунё бо дили маъюс гуфт.
Ошиқе дар соли таърихи вафот:
«З-ин ҷаҳон Воқиф бирафт, афсӯс», гуфт [7, 1728].

Дар тазкираи мазкур аз шоир Ромӣ (Тафта) низ қитъаи таърихие дар соли фавти Воқиф оварда мешавад.

«Ва Шефта (Муҳаммад Мустафохони Шефта, тахаллуси дуюмаш Ҳасратӣ, Ш. А.) ба каме як сол аз разиаллоҳу анҳу таърихи он марҳум баровард. Ва Ромӣ тахаллуси Лола Ҳаргупол валади Мутилол қавми койатҳа Буҳатногир сокини Искандарobод ин қитъа ба вафоти он марҳум мавзун кард: Қитъа:

Чун хиромида сӯи хулди барин,
Шайх Нурулъайни Воқиф хушхаёл.
Гуфт Ромӣ соли таърихи вафот,
«Мурд, ҳай-ҳай, Воқифи ширинмақол» [7, 1729].

Мисраҳои чаҳоруми ин қитъаҳо моддаи таърих дошта, тибқи ҳисоби абҷад ба соли 1202 ҳиҷрии қамарӣ (1788 мелодӣ) мувофиқат мекунанд.

Муҳаққиқи ҳавзаи адабии Ҳиндустон А. Ғаффоров дар китоби хеш «Назми форсизабонони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX», соли вафоти Воқифро 11 сол кам нишон додааст. Агар соли вафоти Воқифи Лоҳурӣ [1202]-ро аз ҳисоби ҳиҷрии қамарӣ ба солшумории мелодӣ баргардонем, он на 1777, балки соли 1788 мелодӣ мешавад.

Мутаассифона, муаллифи тазкираҳо ва дигар адабиётшиносон аз соли таваллуд ё чанд сол умр дидани Воқиф лаб накушодаанд. Аз як байти Воқиф маълум мегардад, ки шоир онро дар синни 50-солагиаш суруда будааст:

Чу панҷоҳсола бурун шуд зи даст,
Ғанимат шумар панҷ рӯзе, ки ҳаст [2, 181].

Аз баъзе байтҳои шоир маълум мегардад, ки ӯ даврони пириро низ аз сар гузаронидааст.

Чун пир гаштаам, ғазали ошиқона чист?
Оташ фурӯ нишаста, дигар ин забона чист? [2, 48]

* * *

Воқиф, зи зуҳд пир шудам баски чун Калим,
«Дастам асо зи гардани мино гирифтааст»[2] [2, 53]

---

[2] Мисраъ аз Калими Кошонист:

*Заъфам мадад зи қувваи саҳбо гирифтааст,*
*Дастам асо зи гардани мино гирифтааст.*

(Калими Кошонӣ. Гули хуршед (Маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе: Ирфон, 1985, С. 53).

* * *

Дурии он ҷавон ба як ҳафта,
Пири ҳафтодсола кард маро [2, 23]

Аз байтҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки Воқифи Лоҳурӣ дар байни солҳои 1700 – 1710 асри XVIII дар Патёлаи тобеи Лоҳури вилояти Панҷоб ба дунё омадааст.

Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираааш боз илова мекунад: «Ва девони Воқиф, ки ба кутубхонаи роқим ҳозир аст, ҳуруфвор интихоби он намуда, дохили маҷмӯаи ҳозо месозад, то бинандагон аз истеъдоду сухандонии он марҳум воқиф гарданд» [7, 1729].

Баъдан Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираи «Ништари ишқ» роҷеъ ба зиндагӣ, вафот ва дигар палӯҳои эҷодиёти шоир дар ҳудуди 4 саҳифа маълумот дода, дар ҳаҷми 42 саҳифа ашъори шоирро намуна овардааст, ки барои муқоиса кардани он бо абёти дохили девони шоир далели боэътимод ба ҳисоб меравaнд. Мувофиқи ҳисобу китоби мо дар ҷилди 5-уми тазкираи «Ништари ишқ» дар боби Воқифи Лоҳурӣ ба ҷуз 3 қитъаи таърих (6 байт) 724 байт оварда шудааст, ки 86 байти оғози он аз шоир Ромӣ мебошад. Аз ин миқдор 638 байти боқимонда аз Воқифи Лоҳурӣ мебошад. Ҳангоми муқоисаи абёти тазкираи «Ништари ишқ» бо девони ғазалитёи Воқифи Лоҳурӣ маълум гардид, ки 194 байти тазкира ба абёти дохили девони Воқиф мувофиқат карда, 444 байти Воқиф, ки дар «Ништари ишқ» оварда шудааст, дар девони ӯ ба назар намерасад. Аксарияти абёти дохили тазкира матлаи ғазалҳои шоир буда, инчунин дар девон 9 рубоии шоир (18 байт) низ намуна оварда шудааст, ки онҳо дар девони шахсии Р. Худоёров ва девони № 1827 вуҷуд надоранд. Аз ин маълум мегардад, ки Воқиф пас аз тартиб додани девонаш низ эҷод карда будааст.

Девони Воқифи Лоҳурӣ на танҳо дар Шибҳиқора, балки он дар миёни аҳли илму адаби Мовароуннаҳру Хуросон низ маҳбубияти зиёд касб карда будааст. Мухаммас бастан ва назираҳои ба ғазалҳои ӯ навиштаи шоирони ин хиттаҳо ба гуфтаи боло гувоҳӣ медиҳанд.

Девони Воқифи Лоҳурӣ баъди сари ӯ дар миёни аҳли илму адаби сарзамини мо ҳам маълуму машҳур будааст. Масалан, аз интишори ғазалҳои ӯ дар маҷаллаи «Фарҳанг» (№9, 1991) ва аз нусхаи шахсии номзади илмҳои филологӣ Раҷабалӣ Худоёров маълум мегардад, ки шояд чанд нусхаи дигари девони шоир дар дасти шаҳрвандони ҷумҳуриамон мавҷуд бошанд. Ба ғайр аз ин боз нусхаи дигари девони шоир дар захираи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хатии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами 1827 нигоҳдорӣ мешавад.

Аз муқоисаи абёти дар тазкираи «Ништари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ намуна овардашуда бо девони шоир маълум гардид, ки дар миёни онҳо баъзе фарқиятҳое низба назар мерасанд. Масалан, байти зерин, ки дар маҷаллаи «Фарҳанг» оварда шудааст, дар нусхаи шахсии Р. Худоёров мавҷуд нест:

Медиҳам бар бод худ мушти ғубори хешро,
Дар хаёли рӯю мӯяш мегузорам рӯзу шаб *[4, 22].*

Ниҳоят, аз шиносоӣ бо тазкираи «Ништари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ бармеояд, ки мавсуф дар бораи рӯзгору осор ва мероси адабии Воқифи Лоҳурӣ саҳми захим дошта, барои пажӯҳишгарони баъдина то ҷое роҳ ҳамвор намуда будааст.

**Адабиёт**


1. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик ч. 1. – Душанбе, 1988. – 543 с.
2. Девони Воқифи Лоҳурӣ. Нусхаи шахсии Раҷабалӣ Худоёров. – 300 с.
3. Ғаффоров А. Назми форсизабонони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX / А. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1975. – 141 с.
4. «Фарҳанг» № 9, 1991, с. 22.
5. Дарвеш Баҳриддин. «Чароғи ҳидоят»-и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ / Дарвеш Баҳриддин. – Душанбе: Дониш, 1992. – 105 *с.*
*6.* Тазкираи шуарои Хуҷанд. Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишии вазорати умури хориҷӣ, 1384. – 378 с.

7. Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Ништари ишқ / Ҳусайнқулихони Азимободӣ. ҷ. 5, –Душанбе: Дониш, 1988. – С. 1726 – 1772.
8. Доктор Сайид Маҳдии Нуриён ва Фотима Муҳташамниё дар мақолаи «Воқифи Лоҳурӣ ва мазомини ашъори ӯ». Фаслномаи «Пажӯҳишномаи адабиёт ва забоншиносӣ»-и Донишгоҳи озоди исломӣ, воҳиди Фирӯзобод / Доктор Сайид Маҳдии Нуриён ва Фотима Муҳташамниё. – Соли аввал, Шумораи дуввум. Тобистони 1391.
9. Доктор Сайид Абдуллоҳ дар китоби «Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон» / Доктор Сайид Абдуллоҳ. – Теҳрон: Баҳман, 1371. – 282 с.

**АСОМИДИНЗОДА Ш.**

## ВОКИФ ЛОХУРИ В ТАЗКИРЕ «НИШТАРИ ИШҚ» (“СТРЕЛА ЛЮБВИ”)

В статье на основе образцов газелей в тазкире «Ништари ишқ» и дивана поэта XVIII в. Вокифа Лохури освещены страницы жизни и творчества поэта. Автор на основе достоверных источников исправляет ошибки предидущих последователей, причислявщих ряд газелей поэта творчеству Вокифа Худжанди, представляющих огромное значение для дальнейшего развития вокифоведения. Диван Вокифа Лохури получил распространение среди поэтов и любителей поэзии не только Индии но и Хорасана и Мевораннахра. О диване можно найти сведения в многочисленных антологиях. Значение статьи заключает не только в освещении страниц творчеста двух поэтов, и в стремлении Хусайнкулихони Азимободи показать достоинство их творчества

**Ключевые слова:** Вокифи Лохури, Вокифи Худжанди, нусха, тезкира, «Ништари ишк», творчества, бейт, газел, диван, аналогия, литературный стил.

**ASOMIDDINZODA SH.**

## VOGIFI LOHURI IN NISHTARI ISHG

The article deals with the poems of Vogifi Lohury divan “Nishtari Ishg” where jne canfind the biograhhy of the poet. The divan decame famous among the peopleof India and Khorasan.
The author states the importance of the above menfwned divan and could be Found in mahy anfologies.

Keywords: Vogifi Lohury, copy, tazkira, Nishtari Ishg, commosition, divan, literary, style.